Вазорати маориф ва илми
Чумҳурии Тоҷикистон
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

ФОНДИ ОҒОХОН

# СОАТИ САНГПУШТАК




Китобчаи мазкур бо кӯмаки мардуми Амрико нашр шудааст, ки он аз тариқи
Оҷонсии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ (USAID) расонида мешавад.
Мазмун ва мундарիҷаи ин китоб маҳсули муаллиф буда, метавонад бо
нуқтаи назари USAID ва Ҳукумати ИМА мувофиқат накунад.

Як пагоҳӣ Сангпуштак аз хоб дер бедор шуд. Офтоб кайҳо баромада буд.



One morning, the turtle woke up quite late. The sun was already shining.

Сангпуштак ба соати девориаш нигарист. Соат тиқ-тиқ намекард. Ақрабакҳо беҳаракат, дар як ҷо истода буданд.

– Соатамро хоб бурдаст, – гуфт Сангпуштак. – Бояд аз ягон кас вақтро пурсам.



The turtle looked at the wall clock. The clock was not ticking. It was broken.

My wall clock is not working. I have to ask somebody for time.

Сангпуштак аз хона баромад. Рафт-рафту дар роҳ Хорпуштакро дид.

– Хорпуштак, соатамро хоб бурдаст. Ҳоло соат чанд аст?

– Соат ҳашти расо, – ҷавоб дод Хорпуштак.

– Раҳмат, дӯстам! – миннатдор шуд Сангпуштак ва ба сӯйи хонааш равон шуд.



The turtle left his house. He walked and walked until he met a hedgehog.

– Hello hedgehog. My clock is not working. Do you know what time it is?

– It is eight o’clock exactly, – answered the hedgehog.

– Thank you, my friend! – said the turtle and then started going back home.

Ин лаҳза борон борид. Сангпуштак сару пойҳояшро дарун кашида, дар паноҳи буттае хеле мунтазир истод. Вақте ки борон монд, боз ба роҳ даромад.



At this time, it started to rain. The turtle decided to hide under the bush. When the rain stopped, he continued his journey.

Рафт-рафт, ки рӯбоҳаке аз пеш баромад. Рӯбоҳак наздиктар омад. Сангпуштак хавотир шуда, худро дарун кашид. Ба Рӯбоҳак нақшу нигариҳои тахтапушти Сангпуштак бисёр аҷиб намуданд. Вай онҳоро дурудароз тамошо кард. Баъд бо роҳаш рафт.



Whilst walking back home, he met a little fox. The fox found the turtle's shell quite interesting and she began to observe it for a while before continuing her journey.

Вақте ки Рӯбоҳак рафт, Сангпуштак ба роҳ даромаданӣ шуд, вале аз ҷояш ҷунбида натавонист.



When the little fox left, the turtle decided to continue with his journey. But he could not move.

– Барои чӣ ман пеш рафта наметавонам? – ҳайрон шуд Санг-пуштак.

Сангпуштак ба ин саволаш хеле дер ҷавоб ёфт. Дар пушти вай як Хирсак нишаста будаст.



“Why am I not able to move forward?” – the surprised turtle thought.

The turtle thought for a long time before realizing that a little bear was seating on top of him.

Хирсак дурудароз нишаст. Баъд хеста ба роҳаш рафт. Сангпуштак ҳам хурсанд шуд ва ба роҳ даромад.



The little bear sat on top of the turtle for a long time. Finally, the little bear got off and left. The delighted turtle was now able to continue his journey.

Аммо чӣ шуду пешпо хӯрд. Пешпо хӯрда ғелид, ғелида-ғелида поин фуромад ва ба тахтапушт қарор гирифт. Акнун вай рост шуда наметавонист.



But then he suddenly fell. He rolled and rolled downwards and ended up on his back. He could not turn the right way.

Ин лаҳза ду Санҷобак омаданд. Онҳо ба ду тарафи Сангпуштак нишастанд. Сангпуштакро чун арғунчак ба бозӣ даромаданд.



At this time, two squirrels were passing by. They sat on two sides of the turtle, held his legs and started to swing him like a seesaw.

Эҳ, чӣ кори хуб шуд! Сангпуштак алвонҷ хӯрд алвонҷ хӯрду якбора ғелид ва ба по рост шуд. Санҷобакҳо рамида ба болои дарахт гурехтанд. Сангпуштак мамнун роҳашро давом дод. Қариби бегоҳ, аммо сиҳату саломат ба хонааш расид. Вай ба хона даромаду соаташро дуруст кард: ҳашти расо!



Wow, what a wonderful idea! The turtle kept swinging until he rolled and got back onto his feet. The squirrels got frightened and climbed into a nearby tree. The happy turtle continued his journey. He reached home and tried to fix his clock. He put it at exactly eight o’clock.

Бале, Сангпуштак аз Хорпуштак пагоҳӣ соат пурсида буд. Он лаҳза соат ҳашти расо буд. Ин лаҳза низ соат расо ҳашт шуд. Фақат ҳашти бегоҳ. Аммо ин аҳамият надошт! Медонед барои чӣ?



Yes, the turtle asked the time from three headgehogs in the morning at exactly eight o’clock. But now it is eight o’clock in the evening! This does not matter though! Do you know why?

## Саволҳо:

Сангпуштак кай аз хоб хест?
Баъд ба куҷо рафт?
Вақтро аз кӣ донист?
Вақте ки борон борид, Сангпуштак дар куҷо паноҳ бурд?
Рӯбоҳак дар Сангпуштак чиро тамошо кард?
Сангпуштак кай ба хонааш расид?

## Questions:

Did the turtle wake up late?
Where did he go?
Who told him the time?
When it started raining, where did the turtle hide?
What did the fox find interesting in the turtle’s body?
When did the turtle get back home?

## Калонсолони гиромӣ!

Китобе, ки Шумо дар даст доред, барои инкишофи зеҳн, омӯзиши забони модарӣ ва бедор намудани шавқу ҳаваси кӯдакон ба китобу китобхонӣ омода гардидааст. Тавсияҳои муҳиме, ки мавриди истифодаи китоб ба Шумо ҳамчун роҳнамо кӯмак мерасонанд:

- Хуб мебуд, ки Шумо дар як рӯз аз 15–20 дақиқа то 35–40 дақиқа вақт ҷудо карда, бо кӯдак ҳамроҳ фаъолият намоед.
- Пеш аз ҳама китобро ба кӯдак диҳед, то ки мустақилона варақгардонӣ карда, аз тамошояш завқ барад, қаноатманд шавад. Дар вақти тамошо бо ӯ ҳамроҳ бошед ва расмҳои мувофиқ нишон дода, маълумоти заруриро ба кӯдак гуфта диҳед.
- Ҳар як асари бадеиро ботамкин, пурсаброна ва то ба охир хонда, нақл намоед. Доир ба афсонаи хондашуда якчанд супориш диҳед ва дар бораи суратҳо нақл кунед. Мавриди савол додани кӯдак, кӯшиш кунед, ки ба ӯ ҷавоби пурра диҳед.
- Бигузор кӯдак аз паси Шумо калима, ибора ва ҷумлаҳоро такрор кунад. Мавриди нақли асари бадеӣ нутқи адабии кӯдаконро инкишоф диҳед.
- Барои ба даст овардани муваффақият кӯдакро шавқманд намоед. Дар кӯдак боварӣ ба худро ташаккул диҳед.

## Комёбу муваффақ бошед!

# Боз ин китобҳоро хонед!

